## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович ба диссертатсияи Файзиева Дилноза Изатуллоевна дар мавзӯъи “Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Файзиева Дилноза Изатуллоевна соли 2007 МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” -ро аз рӯи ихтисоси муҳандис – иқтисодчӣ хатм намудааст.

Файзиева Д. И. тадқиқоти илмии худро соли 2011 ба ҳайси унвонҷӯи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оғоз намуда, диссертатсияи худро дар мавзӯи “Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) тайёр намудааст.

Мавзӯи илмии Файзиева Д.И. ба ҳалли муаммоҳои иқтидори саноатии минтақа бахшида шудааст. Иқтидори саноатии минтақа яке аз масъалаҳои асосии ҷомеа маҳсуб меёбад, ки ин ба болоравии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва маҳсулоти умумии минтақавӣ (МУМ) мусоидат менамояд.

Иқтидори саноатӣ чун омили доминатии амалигардонии рушди устувории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар стратегияи рушди давлат барои то давраи 2030 ба сифати элементи асосӣ нишон дода шудааст, ки ин аз муҳимияти мавзӯъ долалот медиҳад.

Аҳамияти мавзӯъ дар он, ки дар кулли барнома ва стратегияҳои давлатии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи иқтидорҳои мавҷуда, ба хусус иқтидорҳои саноатӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти воридивазкунанда ё содиршаванда машғуланд, дар қатори аввал ҷой дода шуда, барномаҳои соҳавӣ ба ин стратегияҳо мутобиқ карда шудааст.

Масъалаи ташкиилебии иқтидори саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа дар замони муосир рӯз аз рӯз мубрам арзёбӣ мегардад. Ин ба рушди

технологияҳои навтарин ва раванди инқилобии истеҳсоли инноватсионӣ ва баҳри баланд бардоштани иқтисодиёт шароит фароҳам меоварад.

Зеро, рушди устувори умумии ҷомеа, хоҷагии минтақавӣ ба соҳаи саноатии минтақа вобастагӣ дорад.

Вилояти Суғд яке аз нерӯмандтарин минтақаҳое, ки дорои иқтидори саноатии бузург ва самаранок истифодабарии он ба шумор меравад.

Аз ин лихоз, зарурияти тадқиқи иқтидори минтақа аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ ба миён омад. Чунин тадқиқот дар шароити рушди устуворӣ ба назари мо, аввалин ба шумор меравад.

Сохтори диссертатсияи Файзиева Д.И. дар шакли дастрас ва риояи ягонагии мантиқии тарзи баён намудани мавод, муқаррар кардани равобити сабабу оқибат, вобастагии омилу ҷузъҳои мушкилот ва объектҳои омӯхташаванда инъикос карда шудааст.

Мақсаду вазифаҳои рисолаи илмӣ пайдарҳамии баёни мавод ва ҳаҷми онро муайян намудаанд.

Рисола аз муқаддима, чор боб, хулоса ва пешниходхо, рӯйхати адабиёт, замима иборат мебошад. Натиҷаҳои асосии илмӣ аз ҷониби муаллиф ба даст омада, барои ҳимоя чун навгонӣ пешниҳод мешаванд.

Файзиева Д.И. дар давоми фаъолияташ худро ҳамчун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи тадқиқотчии мустақили мавзӯи илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои тадқиқотро шарҳ додааст. Дар ҷараёни навиштани диссертатсия вай доираи васеи адабиётҳои ватанию хориҷиро дар мавзӯи таҳқиқот омӯхта, инчунин таҷрибаи кор дар ин самтро омӯхта аст. Инчунин, бояд қайд кард, ки унвонҷӯ ба эродҳо, тавсия ва хоҳишҳои муқарризон бо таваҷҷӯҳи хос муносибат намуда, кӯшиш кард то мавзӯи таҳқиқотро ҳаматарафа мавриди омӯзишу санҷиш қарор диҳад. Теъдоди корҳои нашршудаи унвонҷӯ, ки дар давоми фаъолияташ таҳия шудаанд, аз фаъолияти баланди илмии вай дарак медиҳад.

Диссертатсияи Файзиева Д.И. дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ таҳия гардида, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба иқтидори саноатии минтақавӣ дарбар мегирад.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Файзиева Дилноза Изатуллоевна дар мавзӯъи "Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" дар васеъ намудани донишҳои назариявию амалӣ доир ба иқтидори саноатии минтақа саҳми назаррас мегузорад.

Рисолаи номзадии Файзиева Д.И. ба ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ мутобиқат мекунад.

Аз ин лиҳоз, диссертатсия барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ пешниҳод карда мешавад, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессори
МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Исмоилов М.М.
10.10.2021

Имзои М.М. Исмоиловро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Ашрапова З.Н.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш.Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1, тел: (+992) 92 775-67-55